# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

# Дар бораи Қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

*(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182)*

(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182)

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад *(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182)*.

2. Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи истифодабарандагони роҳҳои автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидани Қоидаҳоро таҳти назорат қарор диҳанд.

3. Қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1975 № 90 "Дар бораи тасдиқ кардани Қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгард ва ҳифзи онҳо дар РСС Тоҷикистон" беэътибор дониста шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе,

аз 5 сентябри соли 2002, № 360

бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 5 сентябри соли 2002, №360

тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ истифодаи роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

*(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182)*

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 №504, аз 26.04.2022 № 182)

1. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

**қитъаи ҷудошуда** - минтакаҳои роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум бо шароитҳои махсуси истифодаи замин, ки барои навсозӣ ва таъмири роҳҳои автомобилӣ бо дарназардошти дурнамои рушди он ва ҷойгиркунии объектҳои инфраструктураи роҳҳо зарур мебошанд;

**роҳҳои автомобилгарди пулакӣ** (минбаъд - **роҳи пулакӣ**) - аз пулҳои пулакӣ, туннелҳо, қисми алоҳидаи роҳҳои пулакии автомобилгард ва гузаргоҳҳои паромӣ иборат мебошанд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*).

**истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард** - шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки иштирокчиёни ҳаракати роҳ мебошанд, инчунин дар роҳҳои автомобилгард ба ҳама гуна фаъолияти иҷозатдодашуда (ба ғайр аз фаъолияти роҳҳо ва корҳои роҳсозӣ) машғул мебошанд;

**мақомоти роҳ** - мақомоти давлатӣ ва ё маҳаллие, ки салоҳият доранд дар соҳаи фаъолияти роҳҳо иҷрои вазифаҳои идоракуниро амалӣ намоянд;

**воситаи нақлиётии калонҳаҷм** - воситаҳои нақлиётии бо бор ё бидуни он, ки хаҷми он аз андозаҳои меъёрҳои муқаррарнамудаи санадҳои ҳуқуқӣ зиёд мебошанд;

**воситаи нақлиётии вазнин** - воситаи нақлиётии бо бор ё бидуни он, ки вазни умумӣ ё вазни меҳвари он аз меъёрҳои муқаррарнамудаи истеҳсолкунанда барои воситаи нақлиётӣ ё имконниятҳои роҳҳои автомобилии истифодашаванда ва иншооти он зиёд мебошад.

2. Қоидаҳои мазкур тартиби истифодабарии роҳҳои автомобилгард ва иншооти онро бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракати роҳ, нигоҳ доштани ҳолати роҳ ва иншоот, инчунин ҳифзи табиатро муайян мекунанд. Қоидаҳои мазкур барои вазоратҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шаҳрвандон, ки дар минтақаҳои ҷудошуда ва назоратшавандаи роҳҳои автомобилӣ корҳои сохтмонӣ, таъмирӣ, лоиҳавӣ ва илмию тадқиқотиро анҷом медиҳанд, татбиқ мегардад.

3. Қоидаҳо ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро муайян мекунанд.

4. Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) бо ҳамаи иншооти дар онҳо буда моликияти давлатӣ ба ҳисоб мераванд:

**роҳҳои автомобилгарди идоравӣ** - роҳҳое, ки бо ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳо ва дигар корхонаву ташкилотҳо мебошанд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

**роҳҳои автомобилгарди хусусӣ** - роҳҳое, ки ба моликияти шахсони воқеӣ ва хусусӣ мансуб мебошанд;

роҳҳои автомобилгард аз рӯи аҳамияти худ ва шиддати ҳаракат дар онҳо ба категорияҳо тақсим мешаванд, ки мувофиқи онҳо бари минтақаҳои ҷудошудаи роҳҳои автомобидгард ва қитъаҳои муҳофизатии онҳо муайян карда мешаванд.

5. Дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ҳаракати воситаҳои нақлиёт, мошинҳои худгард, механизмҳо бо шиддат дар меҳвар ва вазни пурра, ки аз меъёр зиёд нестанд ва бо стандарти давлатии амалкунанда муайян шудаанд, бо дарназардошти талаботи аломатҳои роҳ иҷозат дода мешаванд. Муассиса, корхона, ташкилотҳо ва шаҳрвандони истифодабарандаи воситаҳои нақлиёт ӯҳдадоранд онҳоро фақат дар ҳолати таъмини бехатарии ҳаракат, беосеб нигоҳ доштани болопӯши роҳҳои автомобилгард ва иншооти роҳ истифода баранд.

6. Барои таъмини нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва бехатарии ҳаракат, ронандагони ҳамаи воситаҳои нақлиёт ӯҳдоранд талаботҳои "Қоидаҳои ҳаракат

дар роҳ" ва Қоидаҳои мазкурро риоя намоянд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 № 504*).

7. Дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум инҳо манъ аст:

зарар расонидан ба роҳ, иншооти роҳҳо, аломат ва нишонаи роҳҳо, воситаҳои танзим ва ташкили ҳаракат ва дигар амволи роҳҳо;

ҳаракати воситаҳои нақлиёт бе рухсатномаи махсус дар қитъаҳои роҳ, ки муваққатан барои ҳаракат баста мебошанд;

ҳаракати воситаҳои наклиётии бо тасмачарх аз роҳхои бо болопӯши сахт ва такмилдодашуда бе болиштакҳои муҳофизаткунанда, инчунин интиқоли борҳои баланд ва борхое, ки бари онҳо аз андоза зиёд мебошанд, бе рухсатномаи мақомоти роҳҳо ва БДА;

ба роҳ даромадан ва бaромадани воситаҳои нақлиёт, техникаи кишоварзӣ ва гузаштан аз онҳо дар ҷойҳои муқаррарнашуда ва ҷойҳои ба ин мақсад таҷҳизониданашуда;

рондани чорво ва ба воситаи роҳ чаронидани он дар роҳ (рондани чорво ба воситаи роҳҳо фақат дар ҷойҳои махсуси муайяншуда ва бо аломатҳои роҳ нишондодашуда иҷозат дода мешавад);

ифлос намудани роҳи мошингузар ва канори роҳ, аломат ва нишонаҳои роҳ, пулҳо, қубурҳо, ҷӯйҳои ду тарафи роҳ, системаи дренажӣ, интиқоли борҳои бастанашуда, ки роҳ ва қитъаи замини барои роҳ ҷудошударо ифлос мекунанд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

роҳ ва иншооти роҳро бо ҳама гуна ашёҳо, аробаҳо, техника ва масолеҳ бастан ё банд кардан, инчунин сохтмони аркаҳо, ғавчубҳо ва дигар иншоот, хушк кардани маҳсулоти кишоварзӣ, сохтани анбори маводҳо, ҷамъ намудани партоб, барф (дар мавриди лозимӣ барои гузоштани ғавчубҳо мақомоти роҳҳо ва БДА рухсатнома медиҳанд) (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

ворид шудани ҳамаи намудҳои наклиёт ба хатти тақсими роҳҳо;

ба мошинҳо рехтани (андохтани) сузишворӣ, равғанҳои молиданӣ, таъмир ва молидани равғани воситаҳои наклиётӣ, бор кардан ва фуровардани борҳо, аз меъёр зиёд бор кардан, бастани

борҳо, тоза кардан ва шустани мошинҳо (дар мавриди лозимӣ ин корҳо дар заминҳои шафати роҳ ва дар ҳолатҳои истисно бошад дар канори роҳ иҷро карда мешаванд, дар ин ҳолат хокрӯбаи боқимонда, маводҳо ва дигар ашёҳо фавран аз тарафи ронандагон ва соҳибони воситаҳои нақлиётӣ тоза карда мешаванд);

ҳангоми дар канори роҳ истодан дар шароитҳои биниши бад ронанда ӯҳдадор аст мутобиқи қоидаҳои ҳаракати роҳ (дар гирондани чароғҳои пеш, қафо ва ғайра) барои иҳотаи воситаи нақлиётӣ чора андешад;

дар роҳҳо ва 200 метр наздиктар аз пулҳо, тақсимкунакҳои ҳаракати роҳ ва эстакадаҳо ҷойгиронии лагерҳо, шаҳрчаҳои хайманишинон, афрӯхтани оташ (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

зери пулҳо дар соҳилҳои дарёҳо ҷойгиркунии истгоҳҳои завракҳо, доштани моҳӣ, оббозӣ (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

истифодаи ҷӯйҳои ду тарафи роҳ ба сифати ҷӯйборҳои обёрикунанда;

ба иншооти обпарто ва сарчашмаҳо партофтани обҳои ифлоси корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои коммуналию маишӣ.

8. Бе розигии мақомоти роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст:

роҳҳои автомобилгардро убур намудани каналҳо, хатҳои алоқа, барқ, нафт, газу об ва роҳи оҳан, таҷҳизоти пайвастшавӣ ва воридшавӣ;

чуқуртар кардани маҷрои дарё ва обравҳо дар зери пулҳо ва кубурҳо бо мақсадҳои мелиоративӣ ва ғайра (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

таъмири хокрезаи роҳ ва дигар иншооти мелиоративию гидротехникӣ, ки бо роҳҳои истифодаи умум якҷоя карда мешаванд.

иҷрои коркарди қум ва шағал дар дарёҳо болотар ё пастар аз пулҳо ба масофаи на камтар аз 2 км (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

дар болои роҳҳо ва қисматҳои барои овезҳои рекламавӣ чудогардида, ҷойгир намудани лавҳаҳаю эълонҳое, ки ба

ахбороти роҳ ягон муносибате надоранд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

анҷом додани корҳои таҷдиди хатҳои алоқа ва барқии амалкунанда, ки дар канори роҳ ва нишебии роҳҳо ҷойгир шудаанд (бе мувофиқаи пешакӣ таъмири барқарорсозии хатҳои барқӣ ва алоқаро дар ҳолате анҷом додан мумкин аст, ки онҳо таъхирнопазир бошанд);

иҷрои корҳои кабудизоркунии роҳҳо (ғайр аз мақомоти роҳҳо);

ташкили корҳои ченкунӣ ва банаворгирии зери пулҳо ва соҳили дарёҳо (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*);

гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ (пойга, пойгаи автомобилҳо, мотосиклҳо, велосипедҳо ва дигар чорабиниҳо).

9. Бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои автомобилии истифодаи умум мақомоти роҳҳо ӯҳдадоранд:

роҳҳо ва иншооти онҳоро дар ҳолати хуб нигоҳ доранд, онҳоро сари вақт аз барф тоза кунанд, дар қисматҳои истифодашаванда дар давраи зимистон барои пешгирии лағжиш чораҳо андешанд;

дар қитъаҳои ҳаракати шиддатнок таъмин кардани сатҳи дурушти болопӯши роҳ;

мутобиқи стандартҳои давлатии амалкунанда барои ҳаракати минтақаҳои хатарноки роҳҳо гузоштани аломатҳои роҳ, таҷҳизонидани деворҳо ва дар қитъаҳои ҳаракати шиддатноки нақлиёт нишон додани гузаргоҳҳо;

дар вақти иҷро кардани корҳои таъмиркунии роҳҳо қитъаҳои таъмиршавандаро бо панҷараҳо иҳота намуда, аломатҳо ва нишонаҳои роҳ, ки ҳам рӯзона ва ҳам шабона хуб дида мешаванд, гузошта шаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ роҳҳои атрофгузар ташкил карда шаванд. Қисми мошингузари роҳ бо масолеҳи сохтмонӣ банд карда нашавад, мошину механизмҳо сари вақт аз роҳ гирифта шаванд;

истгоҳу майдончаҳои саворшавӣ ба автобусҳо дар шакли "Карман" таҷҳизонида шаванд;

ҳангоми зарурат дар истгоҳҳои автобусҳо автопавилонҳо сохта шаванд;

бо мувофиқаи мақомоти БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳҳои асосӣ барои истгоҳи нақлиёт ва истироҳати ронандагон майдончаҳои обод сохта шаванд;

аз роҳ гирифтани воситаҳои нақлиёт, ки ноилоҷ ҳаракати худро қатъ намудаанд ва онҳо дар ин қитъаи роҳ ба бехатарии ҳаракат таҳдид мекунанд;

бо растаниҳои дар хати тақсимкунии роҳ рӯида, мубориза баранд;

омӯхтани сабабҳои садамаҳои нақлиёте, ки дар натиҷаи шароитҳои бад ба вуҷуд омадаанд ва дар робитаҳои доимӣ бо мақомоти БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ин корро анҷом дода, ҷиҳати таъмини бехатарии ҳаракат чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

10. Истифодабарандагони замин, ки аз ҳудуди онҳо роҳҳои автомобилгард мегузаранд, ӯҳдадоранд:

дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани роҳҳои баромад аз роҳи истифодаи умум ва ворид шудан ба онҳо;

тоза намудани роҳҳои пиёдагард ва пайраҳаҳо аз партобҳо, ифлосӣ ва барф;

ба нигоҳубини сазовори кабудизорҳо ва гулзорҳо мусоидат намояд;

нигоҳубини панҷараҳо ва сохтмонҳои ҳамшафати роҳҳо ва дар ҳолати хуб ва рангубор кардани намуди берунии биноҳо;

роҳ надодан ба ҷамъ намудани сангҳо, шоху баргҳои хушки дарахтон, конструксияҳо ва дигар маводҳо наздики 50 метр аз маркази роҳҳо;

аз хавфи зери об мондани роҳ ва ба ботлоқзор табдил ёфтани заминҳои барои роҳ ҷудошуда дар вақти обёрӣ кардани заминҳои ҳоҷагии қишлоқ ва аз намак шустани заминҳои шӯри ҳамшафати роҳҳоро пешбинӣ намоянд;

11. Ронандагони воситаҳои нақлиёт ва шаҳрвандоне, ки аз вайроншавии роҳҳо ва иншооте, ки ба бехатарии ҳаракат таҳдид менамоянд огоҳ ёфта бошанд бояд ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳо чораҳо андешанд ё фавран ба мақомоти роҳҳои наздик ва ё идораи милиса хабар расонанд.

12. Нигоҳубини гузаргоҳҳо тавассути роҳҳои оҳан, ки бо роҳҳои автомобилгард дар як сатҳ ҷойгир шудаанд, инчунин

ҳамаи намудҳои ғавчубҳо ва ҳифзи гузаргоҳҳо аз рӯи меъёрҳои техникии амалкунандаро мақомоти роҳи оҳан ё соҳибони роҳҳои фаръӣ ва нигоҳубини тақсимкунакҳои ҳаракатро дар роҳҳои истифодаи умум, ки роҳи оҳанро бурида мегузаранд, мақомоти роҳсозии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯҳда доранд (*Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*).

13. Шахсони мансабдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳо ва дигар корхонаҳо, муассисаҳо, ва ташкилотҳо, инчунин шаҳрвандоне, ки барои истифодаи худ замин доранд ва бо роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ҳамшафат мебошанд, ӯҳдадоранд барои пешгирии ба роҳ баромадани паррандаю чорвои хонагии худ чораҳо андешанд. Барои сохтани девор мақомоти роҳ иҷозат медиҳад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*).

14. Ҳамаи роҳҳое, ки ба роҳҳои автомобилгард мебароянд инчунин роҳҳое, ки онҳоро мебуранд, бояд дар ҳарду тарафи роҳи асосӣ дар масофаи 100 метр болопӯши сахт дошта бошанд.

Сохтмони болопӯши сахти роҳро ташкилотҳое, ки ин роҳ дар ихтиёрашон мебошад, дар зери назорати техникии хадамоти роҳсозии роҳи асосӣ анҷом медиҳанд.

15.Сохтмони иморат ва иншооти асосӣ, ҷойгиронии иншооти хизматрасонӣ ва рекламаҳо дар ҳудуди ҳамшафати роҳ бояд мутобиқи меъёр ва қоидаҳои амалкунанда иҷро карда шаванд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 № 504*).

16. Муқаррар карда шавад, ки қад-қади роҳҳои автомобилгард гузаронидани коммуникатсияҳои инженерии serизаминӣ ва рӯизаминӣ бояд мутобиқи меъёрҳои амалкунанда иҷро карда шавад.

Лоиҳаҳои ҳамаи иншооти мелиоративие, ки дар наздикии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум сохта мешаванд, бо мақомоти болоии роҳсозӣ мувофиқа карда шаванд. Гузаронидани ҳамагуна коммуникатсиҳо бевосита дар қисмати роҳ манъ аст.

17. Мақомоти роҳи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо ва иншооти роҳҳоро бо Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа мекунанд ва дар ҳолатҳои онро бурида гузаштани каналҳои обёрӣ, шабакаи коллекторию дренажии

амалкунанда, ин корҳоро аз ҳисоби маблағҳои худи ичро карда, гузаштани обро мувофиқи низоми кори онҳо таъмин мекунанд (*қарорҳои Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 № 504, аз 26.04.2022 № 182*).

18. Ташкилотҳое, ки дар қитъаҳои роҳҳои автомобилгард кор мекунанд, барои риоя намудани тартиби мувофиқашуда ва мӯҳлатҳои иҷрои корҳо, сифати онҳо, инчунин барои таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои автомобилгард ва роҳҳои атроф пурра ҷавобгар мебошанд.

19. Коргарони мақомоти роҳҳо, ки истифодабарии роҳҳои автомобилиро таъмин менамоянд, ҳуқуқҳои зерин доранд:

барои аз минтақаи мошингарди роҳ берун намудани воситаҳои нақлиётие, ки қисматҳои роҳро вайрон ё ифлос мекунанд ё воситаҳои нақлиётии калонвазн ва калонҳаҷми иҷозати махсус надоштаро талаб кунанд;

барои тартиб додани санадҳо оид ба вайрон кардани қойдаҳои истифодабарии роҳҳо, ҳаракати воситаҳои нақлиётии калонҳаҷм ва калонвазн, ки ба роҳҳо ва иншоот зарар расонидаанд, маблағ ситонанд;

барои ҳаракати бепул дар ҳолатҳои фавқулодда дар ҳудуди минтакаҳое, ки онҳо хизмат мерасонанд, дар нақлиёти мусофирбар ва автобусҳои истифодаи умум ҳангоми самти ҳаракат.

20. Дар нуқтаҳои ҷойгиршавии тарабхонаҳо, ошхонаҳо, буфетҳо, мағозаҳо, ғурфаҳо, меҳмонхонаҳо аз тарафи ташкилотҳои истифодабарандагони ин иншоот бояд барои истгоҳи нақлиёти автомобилӣ берун аз роҳ майдончаҳои обод сохта шаванд.

21. Қатъи муваққатӣ ва ё маҳдудияти ҳаракат дар роҳҳои автомобилӣ дар ҳолатҳои фалокатҳои табиӣ ва ё гузаронидани корҳои таъмиру сохтмонӣ иҷро карда мешаванд.

Қарори манъ ва ё маҳдуд кардани ҳаракат дар роҳҳои истифодаи умум аз тарафи мақомоти роҳ қабул карда мешавад.

Ҳангоми садама ба шахсони мансабдори мақомоти роҳ ҳуқуқи боздоштани ҳаракати нақлиёт дар қисмати мазкури роҳ бо тарзи гузоштани аломати роҳ "Ҳаракат манъ аст" дода мешавад.

22. хориҷ карда шуд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.04.2022 № 182*).

Роҳбарон, мансабдорон ва шаҳрвандоне, ки қоидаҳои мазкурро риоя намекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

23. Маводҳо оид ба ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, ки бинобар ҳолатҳои бади роҳҳо рӯй додаанд, аз тарафи коркунони милиса (БДА) бо иштироки намояндаи мақомоти роҳ ва нозирони Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад (*қарорҳои Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 № 504, аз 26.04.2022 № 182*).

Назорати риояи асноди меъёрию ҳуқуқӣ ва иҷрои Қоидаҳои мазкур сарфи назар аз шакли моликият аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки фаъолияти истифодабарӣ ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгардро амалӣ мекунанд ва бо роҳҳои автомобилӣ алоқаманд мебошанд, аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Ҳангоми тафтиш барои анҷом додани фаъолияти истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ва дигар намуди фаъолияти вобаста ба роҳҳои автомобилгард ва иҷрои талаботҳои иҷозатномадиҳӣ мавҷудияти иҷозатнома анҷида мешавад (*қарорҳои Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 № 504, аз 26.04.2022 № 182*).

Фаъолияти корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки нигоҳдорӣ ва истифодабарии роҳҳои автомобилгардро анҷом медиҳанд ва бо роҳҳои автомобилӣ алоқаманд мебошанд, аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома кунонида мешаванд (*қарорҳои Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 № 504, аз 26.04.2022 № 182).*

24. Назорати иҷрои Қоидаҳои мазкур ба зиммаи мақомоти роҳи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад (*қарорҳои Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 № 504, аз 26.04.2022 № 182*).